Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 50 (4633) | ҶУМЪА, 7 АПРЕЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## САФАРИ ДАВЛАТИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ОЗАРБОЙҶОН БА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**5 - уми апрели соли равон Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон муҳтарам Илҳом Алиев бо сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд.**

**Маросими истиқболи расмии меҳмони олимақом дар назди Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» баргузор гардид.**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон муҳтарам Илҳом Алиевро гарму самимӣ истиқбол гирифта, ба болои шоҳсуфаи ифтихорӣ даъват карданд.

Маросими истиқбол бо гузориши командири қаровули фахрӣ, садо додани сурудҳои миллии ҳар ду кишвар, гузаштани сарони давлатҳо аз назди сафи қаровули фахрӣ, арзи эҳтироми меҳмони олимақом ба Парчами давлатии Тоҷикистон, шиносоӣ бо ҳайатҳои расмии ҳар ду ҷониб ҷараён гирифта, бо қадамзании мутантан гузаштани ҷузъу томҳои қаровули фахрӣ аз назди сарони ҳар ду давлат анҷом ёфт.

Ҳамчунин, тибқи муқаррароти расмии маросими истиқболи сафарҳои давлатӣ, ба ифтихори ташрифи Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон аз тӯпхонаҳо 21 маротиба шиллик парронда шуд.

**Пас аз анҷоми маросими истиқболи расмӣ музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Озарбойҷон дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар ҷараёни мулоқоту музокироти хосса ва бо иштироки ҳайатҳои расмӣ президентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон дар фазои дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ ҷанбаҳои муносибатҳои байнидавлатии ҳар ду кишварро баррасӣ намуда, атрофи масъалаҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ табодули афкор карданд.

Барои таъмиқу тавсеаи муносибатҳои Тоҷикистону Озарбойҷон, ки бар пояи мустаҳками дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтиром ва эътимоди ҳамдигар асос ёфтаанд, самтҳои мушаххаси ҳамкорӣ муайян шуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон муҳтарам Илҳом Алиевро самимона хайра мақдам гуфта, ҷараёни тамосҳои мунтазами сиёсиро, ки дар ташаккул ва пешбурди пурсамари рӯзномаи муносибатҳои Тоҷикистону Озарбойҷон нақши калидӣ доранд, бо қаноатмандӣ қайд намуданд. Изҳори боварӣ карда шуд, ки сафари давлатии Сарвари давлати дӯст ба Тоҷикистон ба рушди ҳамкориҳои ҳар ду кишвар такони тоза хоҳад бахшид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, зикр карданд, ки тайи сӣ соли равобити дипломатӣ Тоҷикистону Озарбойҷон тавонистанд механизмҳои муассири ҳамкориро бунёд намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гарданд, ки имрӯз ба нафъи ҳар ду халқи бародар хизмат мекунанд.

Зимни мулоқот бо иштироки ҳайатҳои расмии ҷонибҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷараёни рушди устувори ҳамкориҳои ҳар ду кишвари бародарро дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ, фарҳангиву гуманитарӣ, инчунин дар соҳаи амният, қайд намуданд.

Густариши ҳамкории байнипарлумонӣ, ки дар натиҷаи сафарҳои мутақобилаи сарони парлумонҳои ҳар ду кишвар мазмуни тоза касб кардааст, ҳамчун ҷузъи таркибии маҷмӯи робитаҳои гуногунҷанба арзёбӣ гардид.

Ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ба таври муфассал баррасӣ шуда, дар бораи андешидани чораҳои зарурӣ оид ба рушди минбаъдаи ин самти муносибатҳо тавофуқ ҳосил шуд.

(Давомаш дар саҳ. 2)



## ИЗҲОРОТИ МАТБУОТИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

### АЗ РӮЙИ НАТИҶАҲОИ МУЛОҚОТУ МУЗОКИРОТ БО ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ОЗАРБОЙҶОН ИЛҲОМ АЛИЕВ

**5-уми апрели соли 2023, шаҳри Душанбе**

**Муҳтарам намояндагони воситаҳои ахбори омма!**

Пеш аз ҳама, мехоҳам бори дигар Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон муҳтарам Илҳом Ҳайдарович Алиевро бо сафари давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона хайра мақдам гӯям.

Дар оғоз мехоҳам таъкид намоям, ки дар сӣ соли равобити дипломатӣ байни давлатҳоямон Тоҷикистону Озарбойҷон тавонистанд механизмҳои муассири ҳамкориро бунёд намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гарданд, ки имрӯз ба нафъи ҳар ду халқи бародар хизмат менамоянд.

Ба ин бештар робитаҳои зичи боварибахш дар сатҳи олӣ мусоидат менамояд, ки дар ибтидои онҳо фарзанди барӯманди халқи Озарбойҷон ва дӯсти бузургам – Ҳайдар Алиев меистод, ки мо дар Тоҷикистон низ садсолагии ӯро моҳи оянда ҷашн мегирем.

Ман суҳбатҳоямонро бо ин ходими бузурги давлатии Озарбойҷони бародар ҳамеша бо самимият ба ёд меорам. Ҳайдар Алиевич дар лаҳзаҳои тақдирсозтарин барои давлат пешвои воқеии миллии халқи шарифи худ гардид ва кишварро ба роҳи суботу рушд пеш бурд.

Сафари муҳтарам Илҳом Ҳайдарович идомаи мантиқии на танҳо ин муносибатҳо, балки риштаҳои чандинасраи равобити мутақобилаи халқҳои мо мебошад, ки дар ибтидои он Низомии Ганҷавии бемисл, ки дар хонадони ҳар тоҷик ба ӯ эҳтиром мегузоранд, меистод. Аз ин рӯ, музокироти мо чун ҳамеша дорои хусусияти созанда буда, ба пешбурду таъмиқи ҳамёрии мутақобила нигаронида шудаанд.

Дар рафти музокирот мо вазъ ва дурнамои рушди муносибатҳои дуҷонибаро муфассал баррасӣ карда, инчунин доир ба ҳамаи масъалаҳои барои мо муҳим мубодилаи афкори муфассал намудем.

Санадҳои дуҷонибае, ки имрӯз ба имзо расиданд, ба таҳким ва пурра намудани заминаи ҳуқуқии робитаҳои мо нигаронида шудаанд.

Мо ҳамчун ҷузъи таркибии маҷмааи робитаҳои гуногунҷанба хусусияти пешрафтаи ҳамкории байнипарлумониро, ки дар натиҷаи сафарҳои мутақобилаи сарони парлумонҳои ҳар ду давлат мазмуни тоза пайдо кардааст, таъкид намудем.

Мо ҳамёрии тиҷоратию иқтисодиро муфассал баррасӣ намудем. Розӣ шудем, ки ҳаҷми муомилоти мол байни далатҳои мо ба имконоти тарафҳо мувофиқ нест. Дар робита ба ин ба мувофиқа расидем, ки барои зиёд намудани он чораҳои таъхирнопазир андешем.

Зимни музокирот мо ба самтҳои ҳамкорӣ дар бахшҳои сармоягузорӣ, кооператсияи саноатӣ, кишоварзӣ, нақлиёт ва маҷмӯи сӯзишворӣ - энергетикӣ алоҳида таваҷҷуҳ зоҳир намудем.

Дар соҳаи кооператсияи саноатӣ имкони татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар саноати сабук, кимиё ва маъдан, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, коркарди алюминий, нахи пахта, сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо ва металлҳо таъкид гардид.

Дар соҳаи энергетика мо ҳавасмандии ширкатҳои Озарбойҷонро дар коркарди конҳои нефту гази Тоҷикистон таъйид намудем.

Мо минбаъд низ аз имконоти транзитии муносиби Озарбойҷон фаъолона истифода намуда, ҳаҷми интиқоли борҳои сохторҳои давлатӣ ва тиҷоратии Тоҷикистонро афзоиш хоҳем дод.



Дар музокирот самти башардӯстонаи муносибатҳои мо мавқеи муҳимро ишғол намуд.

Мо бори дигар омодагии тарафайнро ба густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои маориф, илм ва фарҳанг тасдиқ намудем.

Мо доир ба тамоми маҷмӯи масъалаҳои муҳими дорои хусусияти минтақавӣ ва байналмилалӣ табодули афкор намудем.

Мо аҳамияти ҳамкории минбаъдаро дар майдонҳои созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ таъкид намудем.

Мо ба мувофиқа расидем, ки таҷрибаи дастгирии мутақобилаи номзадҳо ва ташаббусҳои ҳамдигарро дар майдонҳои бисёрҷониба, пеш аз ҳама, дар СММ идома диҳем.

Мо ба ҷониби Озарбойҷон барои ҷонибдории ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон оид ба обу иқлим изҳори сипос намудем.

Масъалаҳои амниятӣ дар маркази музокирот қарор доштанд.

Мо оид ба таҳкими ҳамкорӣ дар мубориза бо терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир ва силоҳ, киберҷинояткорӣ ва дигар шаклҳои ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ изҳори назар намудем.

Мо мавзӯъҳои байналмилалӣ ва вазъи минтақаҳоямонро муфассал муҳокима намудем.

Натиҷаҳои музокироти имрӯза ба мо имкон медиҳанд, ки ба рушди равобити байни давлатҳоямон бо некбинии бузург ва умедҳои нек назар намоем.

**Ташаккур.**



## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

### бо раисони ноҳияҳои Рашт, Тоҷикобод, Нуробод, Сангвор, Лахш ва Файзобод

**Субҳи чоруми апрели соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо раисони ноҳияҳои Рашт, Тоҷикобод, Нуробод, Сангвор, Лахш ва Файзобод суҳбати телефонӣ анҷом доданд ва ҳисоботи онҳоро доир ба вазъи кишти зироатҳои баҳорӣ шуниданд.**

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раисони ноҳияҳои зикршударо вазифадор намуданд, ки маъракаи кишти зироатҳои баҳориро дар муҳлати кӯтоҳтарин ба анҷом расонида, махсусан, ба васеъ кардани зироати асосии кишоварзии минтақаҳои мазкур – картошка ва бо риояи қоидаҳои агротехникӣ баланд бардоштани ҳосилнокии он эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

**www.president.tj**

## РОБИТАҲОИ БАЙНИПАРЛУМОНИИ ТОҶИКИСТОН ВА РОССИЯ ТАВСЕА МЕЁБАД



**Дар доираи робитаҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ҳамкории байнипарлумонии ҳар ду давлат дар сатҳи хубу сифати баланд ба роҳ монда шудааст. Ҳамзамон, байни вакилони парлумонҳои ин давлатҳо вохӯриву суҳбатҳои судманд доир мешаванд. Ин нукта имрӯз зимни мулоқоти раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода бо сафири фавқулода ва мухтори Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Семён Григорев ифроз гардид.**

Таъкид гардид, ки Тоҷикистон ва Россияро таърихан муносибатҳои чандинасраи дӯстона ба ҳам мепайванданд. Ҳамкории ҳар ду давлат, ҳамчунин дар соҳаи илм, маориф, фарҳанг ва технологияҳои инноватсионӣ босамар тавсеа меёбад. Ин раванд бо таъсиси намояндагии КВД «Россотрудничество», Маркази иттилоотиву фарҳангии Бунёди «Русский мир» дар Тоҷикистон боз ҳам тақвият ёфт. Айни замон дар Тоҷикистон дар баробари Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия, инчунин филиали ду донишгоҳи бонуфуз - Донишгоҳи давлатии Россия ба номи М. Ломоносов ва Донишкадаи хӯла ва пӯлоди Москва фаъолият доранд.

Тӯли солҳои охир теъдоди донишҷӯёни тоҷик, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия таҳсил мекунанд, рӯ ба афзоиш аст.

Дар мулоқот, ҳамчунин доир ба густариши робитаҳои байнипарлумонӣ табодули афкор сурат гирифт.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# САФАРИ ДАВЛАТИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ОЗАРБОЙҶОН БА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(Идома аз саҳ. 1)**



Дар ин зимн, ҷонибҳо ба самтҳои ҳамкорӣ, аз қабили сармоягузорӣ, кооператсияи саноатӣ, кишоварзӣ, нақлиёт ва маҷмӯи сӯзишворию энергетикӣ, таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуданд.

Таъкид гардид, ки дар соҳаи кооператсияи саноатӣ барои татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар соҳаҳои саноати сабук, кимиё ва маъданҳои кӯҳӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмон, коркарди алюминий, нахи пахта, сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо ва металлҳо имконияти зиёд мавҷуд аст.

Дар бахши энергетика Пешвои миллат ҳавасмандии ҷониби Тоҷикистонро оид ба иштироки ширкатҳои озарбойҷонӣ дар коркарди конҳои нефту гази Тоҷикистон таъйид намуданд.

Дар соҳаи нақлиёту транзит оид ба истифодаи фаъолтар аз имконоти транзитии Озарбойҷон ва афзоиши ҳаҷми ҳамлу нақли борҳои сохторҳои давлатӣ ва тиҷоратии Тоҷикистон табодули андеша сурат гирифт.

Дар доираи гуфтушунид самти гуманитарии муносибатҳои ҳар ду кишвар ҷойгоҳи хосса доштанд. Зимни мулоқот масъалаҳои амниятӣ низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтанд.

Сарони ҳар ду кишвар аз таҳкими ҳамкориҳо дар мубориза бо терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, қочоқи маводи нашъаовар ва силоҳ, киберҷинояткорӣ ва дигар шаклҳои ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ҷонибдорӣ намуда, доир ба маҷмӯи масъалаҳои мубрами дорои хусусияти минтақавӣ ва байналмилалӣ ба таври муфассал мубодилаи афкор намуданд.

Дар мулоқот, ҳамчунин, ҳамкории зичи ҷонибҳо дар арсаи байналмилалӣ ва дар чаҳорчӯбаи сохторҳои бисёрҷониба, ки Тоҷикистон ва Озарбойҷон аъзо ва иштирокчиёни онҳо мебошанд, таъкид гардид.

Дар охири музокироти сатҳи олӣ Президенти мамлакат ба ҷониби Озарбойҷон барои пуштибонӣ аз ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим изҳори сипос карданд.

**Пас аз анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Озарбойҷон маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ баргузор шуд.**

**Дар ҳузури сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Илҳом Алиев 14 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид;**

- Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Озарбойҷон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи геодезия, харитасозӣ, заминсозӣ, кадастр ва мушоҳидаи фосилавии замин;
- Созишнома оид ба ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Озарбойҷон;
- Протокол байни Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи гумруки Ҷумҳурии Озарбойҷон оид ба ташкили табодули пешакии иттилоъ доир ба молҳо ва воситаҳои нақлиёт, ки байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурииии Озарбойҷон интиқол мeёбанд;
- Ёддошти тафоҳум байни Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ва Хадамоти мониторинги молиявии Ҷумҳурии Озарбойҷон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубодилаи иттилооти кашшофии молиявӣ вобаста ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, ҷиноятҳои асосӣ (предикатӣ) ва маблағгузории терроризм;
- Барномаи чорабиниҳо оид ба ҳамкории иқтисодӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Озарбойҷон то соли 2025;
- Харитаи роҳ оид ба таҳкими ҳамкорӣ байни Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Озарбойҷон барои солҳои 2023-2024;
- Барномаи ҳамкорӣ байни вазоратҳои корҳои хориҷии Тоҷикистон ва Озарбойҷон барои солҳои 2023-2024;
- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг байни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Озарбойҷон;
- Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати иқтисоди Ҷумҳурии Озарбойҷон дар соҳаи сармоягузорӣ, пешбурди стартапҳо ва соҳибкорӣ;
- Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии давлатии сайёҳии Ҷумҳурии Озарбойҷон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ;
- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки марказии Ҷумҳурии Озарбойҷон;
- Ёддошти тафоҳум байни Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷинвест» - и назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии ташвиқи содирот ва сармояи Ҷумҳурии Озарбойҷон;
- Протокол оид ба барқарор намудани равобити бародаршаҳрӣ байни шаҳри Исфараи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Шушаи Ҷумҳурии Озарбойҷон;
- Ёддошти тафоҳум байни Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии соҳибкории хурд ва миёнаи Ҷумҳурии Озарбойҷон.

Баъд аз анҷоми маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон муҳтарам Илҳом Алиев барои доираи васеи хабарнигорон нишасти матбуотӣ ороста, натиҷаҳои мулоқоту музокироти сатҳи олии ҳар ду кишварро неку назаррас арзёбӣ намуданд.

**6-уми апрели соли 2023 сафари бобарори давлатии Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом ёфт.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо нишони эҳтироми самимӣ меҳмони олимақом - Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон муҳтарам Илҳом Алиевро гусел намуданд.

Ёдовар мешавем, ки сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон рӯзҳои 5 - ум ва 6 - уми апрел идома ёфт. Зимни ин сафар мулоқоти сарони давлатҳо ва ҳайатҳои расмии ҳар ду кишвар сурат гирифта, аз рӯйи натиҷаҳои он 14 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид.

**www.president.tj**

# ИШТИРОКИ ВАКИЛИ ПАРЛУМОН ДАР КОНФРОНСИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ



**Панҷуми апрели соли равон вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Парвина Маликзод дар конфронси байналмилалӣ зери унвони «Ҳадафҳои рушди устувор ва Конститутсия: таҷрибаи давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай», ки дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар реҷаи фосилавӣ баргузор гардид, иштирок намуд.**

Конфронси мазкур бо ташаббуси Комиссияи конститутсионӣ оид ба ташаккули пешниҳодҳо ва татбиқи чораҳои ташкилӣ доир ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, дар якҷоягӣ бо институтҳои ҷомеаи шаҳрвандии ин кишвар гузаронида шуд. Дар он намояндагони корпуси дипломатӣ, коршиносон ва таҳлилгарон низ иштирок намуданд.

Мақсади асосии ин ҳамоиш таҳлили муқоисавии инъикоси Ҳадафҳои рушди устувор дар конститутсияҳои кишварҳои аъзои СҲШ, таҳияи пешниҳод ва тавсияҳои дахлдор барои истифода баҳри ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошад.

Баромадкунандагон роҷеъ ба ҳамкориҳои самараноки ташкилотҳои ғайритиҷоратии давлатӣ ва ғайридавлатӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои миллии рушди устувор ва огоҳии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ибрози назар намуданд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ДАЪВАТИ ҲАРБИИ БАҲОРӢ – 2023

**Баъд аз ба имзо расидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба эҳтиёт рухсат додани хизматчиёни ҳарбие, ки муҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро адо намудаанд ва даъвати навбатии шаҳрвандони солҳои таваллуди 1996-2005 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати ҳарбӣ» таҳти №541 аз 1-уми марти соли 2023, якуми апрели соли ҷорӣ сафарбарнамоӣ ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид.**



**ДУШАНБЕ.** 1-уми апрели соли ҷорӣ аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар Муассисаи давлатии амфитеатри «Аҳорун» маъракаи гусели наваскарон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ баргузор гардид.

Дар ҳамоиш роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, Вазорати мудофиа, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ, Шоҳмансур, Сино ва Фирдавсӣ, роҳбарони сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, маориф, тандурустӣ, фарҳанг, кор бо ҷавонон, Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе ва падару модарони даъватшудагон иштирок карданд.

Нахуст муовини Раиси шаҳри Душанбе Абдураҳмон Абдураҳмонзода миннатдории Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалиро ба ҷавонони даъватшуда ва волидайни онҳо расонид.

Дар рӯзи аввали даъват 353 ҷавон ихтиёрӣ ба хизмати ҳарбӣ рафтанд, ки 22,8 фоизи нақшаи даъватро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, дар ҳамоиш ба даъватшудагоне, ки курсҳои кӯтоҳмуддати ронандагиро омӯхтаанд, ҳуҷҷати ронандагӣ тақдим гардид.

Дар идома намоиши машқҳои ҳарбию варзишӣ аз ҷониби сарбозон ва аз тарафи дастаҳои ҳунарӣ барномаи консертӣ пешниҳод гардид.

**ВМКБ.** Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ин мавсим низ аввалин шуда, нақшаи даъвати ҷавонписарон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишварро дар як рӯз иҷро намуд.

Якуми апрел дар шаҳри Хоруғ маросими гусели навдаъватшудагон ба хизмати Модар - Ватан доир шуд.

Ҷамъомадагон аз назди Боғи Ғалаба то майдони Театри вилоятии мусиқӣ - мазҳакавии ба номи Меҳрубон Назарови шаҳри Хоруғ бо Парчами давлатӣ, нишону аксҳои қаҳрамонони миллат ва дигар шиору овезаҳои саршор аз муҳаббату самимият нисбат ба Модар - Ватан роҳ паймуданд.



Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Алишер Мирзонабот ҳозиринро ба ифтихори «Рӯзи даъватшаванда» таҳният намуда, қайд кард, ки мардуми шарифи мамлакат дар симои Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат сипари боэътимодро мебинанд, ки аз дастовардҳои истиқлолият, марзу бум, арзишҳои волои миллӣ ва хоки муқаддаси Ватани маҳбуб ҳимоя менамояд.

- Дар маъракаи даъвати имсола зодагони вилоят ҳангоми гирифтани даъватнома ҳатто аз мамлакатҳои дигар, аз ҷумла аз Федератсияи Россия, Қазоқистон ва дигар кишварҳо озими Ватан гашта, дар сафи ҳомиёни содиқи Ватан қарор мегиранд, - тавзеҳ дод раиси ВМКБ.

Ҳамон рӯз теъдоде аз даъватшудагон, ки курси ронандагиро хатм намуданд, соҳиби шаҳодатномаи ронандагӣ шуда, барномаи рангини фарҳангӣ бо рақсу таронаҳои ватандӯстона манзури ҳозирин гашт.

**ХАТЛОН.** Дар шаҳри Бохтар 3 - юми апрели соли равон маросими тантанавии гусели даъватшудагон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Он рӯз аз назди Комиссариати ҳарбии вилоят то назди Қасри фарҳанг ва иттилооти шаҳри Бохтар бо Парчами давлатӣ ва шиору овезаҳои ватандӯстӣ роҳпаймоӣ доир шуд.

Сипас, дар Қасри фарҳанг бо иштироки раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид чорабинӣ доир гардида, ба 1000 даъватшаванда тuҳфаҳои хотиравии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон тақдим намуданд.

Дар фарҷом аҳли фарҳанги вилоят бо барномаи рангини фарҳангӣ хотири ҳозиринро шод намуданд.

**ДАНҒАРА.** Дар рӯзи нахустини даъвати баҳорӣ ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ноҳияи Данғара нақшаи даъватро пурра иҷро кард.

Бахшида ба Рӯзи даъватшаванда дар Комиссариати ҳарбии ноҳияи Данғара маросими тантанавӣ доир гашта, ҷавонон аз Ҷамоати шаҳраку деҳоти ноҳия ба сафи артиш гусел шуданд.

Дар маъракаи гусели сарбозон зикр шуд, ҳар як ҷавони тоҷик вазифадор аст, ки ҳимоятгари манфиатҳои миллӣ бошад, зеро ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси ҳар фарди ватандӯст аст.

**ФАРХОР.** Якуми апрели соли ҷорӣ барои гусели наваскарон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Варзишгоҳи марказии ноҳияи Фархор маросими тантанавӣ доир гашт.

Бино ба иттилои масъулин, ноҳияи Фархор дар рӯзи аввали даъвати баҳорӣ нақшаро пурра иҷро намуд.

Дар ҷамъомад зикр гардид, ки ба таври ихтиёрӣ ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ пайвастани ҷавонони ноҳия гувоҳи он аст, ки онҳо ҳимояи Ватанро болотар аз ҳама арзишҳо гузошта, омодагии хешро баҳри ҳифзи сарзамини аҷдодӣ исбот мекунанд.



Ҳамчунин, ба даъватшавандагоне, ки дар «Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиа»-и ноҳия ба курсҳои кӯтоҳмуддати ронандагӣ ҷалб шуда буданд, шаҳодатномаи ронандагӣ супорида шуд.

**ВАХШ.** Ин ноҳия низ дар рӯзи аввали даъвати баҳории ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ нақшаро пурра иҷро кард. Дар ин робита бо иштироки роҳбарияти Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Вахш, аъзои комиссияи даъват, фаъолон, даъватшавандагон ва волидони онҳо чорабинии «Рӯзи даъватшаванда» баргузор гардид.

Ҳамчунин, ба 115 даъватшаванда, ки курсҳои кӯтоҳмуддати ронандагиро хатм намудаанд, шаҳодатномаи ронандагӣ супорида шуд.

**РАШТ.** Дар қисми ҳарбии қӯшунҳои зудамали Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҳаллаи Сомониёни шаҳраки Ғарм таҳти унвони «Мо - ҷавонон пайравони Пешвои миллатем» маъракаи гусели наваскарон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шукӯҳу шаҳомати хосса баргузор шуд.

Қобили зикр аст, ки ноҳияҳои Сангвор, Лахш ва Рашт 100 дарсадӣ ва Тоҷикободу Нуробод мутаносибан 103 ва 101 дарсад нақшаи даъвати ҳарбиро иҷро намуданд.

Дар ҷамъомади мазкур ба 130 нафаре, ки курси ронандагии «Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиа» - ро аз ҳисоби Вазорати мудофиа ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои водии Рашт хатм намуда, барои ба сафи Артиши миллӣ шомил шудан ихтиёран ариза навишта буданд, шаҳодатномаҳои ронандагӣ супорида шуданд.

**ҲИСОР.** Дар рӯзи аввали даъват шумораи зиёди ҷавонони бонангу номус ба Комиссариати ҳарбии шаҳри Ҳисор ҳозир шуда, барои ба хизмати Ватан рафтан худро номнавис карданд. Дар натиҷа, 50 дарсади нақшаи даъвати баҳорӣ дар рӯзи аввали маърака таъмин гардид.

Субҳи якуми апрели соли равон ба хотири гусели наваскарон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар толори Қасри фарҳанги шаҳри Ҳисор ҷамъомади тантанавӣ доир гардид.

Раиси шаҳри Ҳисор Қосим Роҳбар ва комиссари ҳарбии шаҳр, подполковник Беҳрӯз Ҳафиззода наваскаронро барои роҳ ёфтан ба мактаби ҷасорату мардонагӣ табрик гуфта, ба ҳар яки онҳо дар ҳифзи марзу буми Ватани азизамон таманниёти нек намуданд. Таъкид шуд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои фароҳам сохтани шароити созгор барои сарбозону афсарони шуҷои Ватан пайваста тадбирҳои судманд меандешанд. Сол аз сол зиёд гардидани шумораи ҷавононе, ки ихтиёрӣ ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон меравaнд, далели ин гуфтаҳост.

- Дар миёни даъватшудагон беш аз 30 ҷавон, фарзандони хизматчиёни давлатӣ, хатмкардагони донишгоҳу донишкадаҳо ва дигар масъулон буда, бо хоҳиши худ ба хизмат мераванд, - иброз дошт раиси шаҳр.

Сипас, ба 115 ҷавоне, ки мактаби ронандагии «Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиа»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисорро хатм намуданд, шаҳодатномаи ронандагиро супорида, бо даъватшудагон дар иҷрои вазифаи муқаддас комёбӣ таманно карданд.

**АЙНӢ.** Якуми апрели соли 2023 гурӯҳи аввалини ҷавонони синни даъватии ноҳияи Айнӣ, ки низ ихтиёран ба Комиссариати ҳарбӣ ҳозир шуда буданд, ба хизмати ҳарбӣ гусел шуданд.

Ба ин муносибат дар майдони назди Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Айнӣ ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид.

Тавре аз Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия иттилоъ гирифтем, 76 дарсад аз шумораи умумии даъватшавандагон ихтиёран ба Комиссариати ҳарбӣ ҳозир гардида, дар рӯзи аввал 23 дарсад ба хизмат гусел карда шуданд. 53 дарсади дигар дар «Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиа» таҳсил намуда, пас аз хатми он бо шаҳодатномаи ронандагӣ таъмин гардида, то охири мавсими даъват дар ду давра ба хизмати Модар - Ватан сафарбар мешаванд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**Ҳафизуллоҳ ТОҲИРӢ,**
**Муҳаммад ЗОКИР,**
**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА,**
**Машҳури ИМОМНАЗАР,**
**Диловари МИРЗО,**
**Сулаймон СУЛТОНОВ,**
**«Садои мардум»**

# ТАНТАНАИ НУР ВА ЭҲЁИ ТАБИАТ

**Наврӯз яке аз ҷашнҳои қадимтарини миллати тоҷик буда, таърихи беш аз шашҳазорсола дорад. Ин ҷашн бо баробаршавии шабу рӯз, нахустин рӯзи баҳор – рӯзи якуми моҳи Фарвардин ва оғози солшумории хуршедӣ, фаро мерасад. Дар бораи пайдоиши ин ҷашни бостонӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Таърихи Табарӣ», «Ат-тафҳим» ва «Осор-ул-боқия»-и Абурайҳони Берунӣ, «Наврӯзнома»-и Умари Хайём, «Нахбат-уд-даҳр»-и Димишқӣ ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ маълумот дода шудааст. Аз ҷумла Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ҳамчун иди расмӣ таҷлил намудани Наврӯзро ба шоҳ Ҷамшед нисбат медиҳад:**



**Амонулло ХАЙРУЛЛО, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия**

**Ба Ҷамшед бар гавҳар афшонданд,**
**Мар-он рӯзро «рӯзи нав» хонданд.**
**Ба Наврӯзи нав шоҳи гетифурӯз,**
**Бар он тахт биншаст фирӯз рӯз.**

Абурайҳони Берунӣ дар «Ат-тафҳим» ном китобаш чунин нигоштааст: «Наврӯз нахустин рӯз аст аз Фарвардинмоҳ ва аз ин ҷиҳат «рӯзи нав» ном карданд, зеро ки нишонии соли нав аст».

Дар маҷмӯъ, фалсафаи Наврӯз ин оғози ҳаёти нав, рӯзи нав, рӯҳияи наву тоза, зиндашавии табиат ва оғози мавсими киштукори баҳорӣ мебошад. Мувофиқи ривоёти таърихӣ, шоҳи одил - Куруши Кабир Наврӯзро ҷашни миллӣ эълон намуда, ба иҷрои амалҳои нек, аз қабили кумак ба маъюбон, эҳдои туҳфа, бахшиши маҳкумон, поксозии маконҳои ҷамъиятӣ, манзилҳои истиқоматӣ ва ғайраҳо иқдом менамуд.

Ҳамчунин, дар арафаи ин ҷашни бостонӣ бахшиши ҳамдигар, кинаву кудуратро аз дил дур намудану шодмонӣ кардан низ ҳикмати бузург дорад. Чунончи, Умари Хайём дар «Наврӯзнома»-аш чунин зикр кардааст: «Ҳар кӣ рӯзи Наврӯз ҷашн кунад ва ба хуррамӣ бипайвандад, то Наврӯзи дигар умр дар шодӣ гузаронад».

Дар оғози пайдоиши ҷашни хуҷастаи Наврӯз онро 30 рӯз, яъне як моҳ ҷашн мегирифтанд. Омодагӣ ба ҷашни Наврӯз хеле пештар аз фарорасии он шурӯъ мегардид. Масалан, гузоштани сабзаи суманак, ки гандумро тар карда, барои сабзидан мегузоштанд, 25 рӯз пеш аз ҷашни Наврӯз оғоз меёфт. Тавре маълум аст, суманак яке аз ғизоҳои хоси наврӯзӣ буда, то имрӯз дар кишварҳои ҳавзаи Наврӯз онро бо ҳамин ном мепазанд. Пухтани он низ як маросими фараҳбахш буда, таронаи хоси худро дорад.

Бо мурури замон муддати ҷашнгирии Наврӯз танзим шуда, дар давраи Сосониён шаш рӯз муқаррар гардид. Мувофиқи гуфти Абурайҳони Берунӣ, таҷлили Наврӯз чунин тақсимбандӣ шуда буд:

- рӯзи якум - аз тарафи шоҳ қабулу пазироии мардум новобаста аз табақаи иҷтимоиашон;
- рӯзи дуюм - пазироии мансабдорону давлатмандон (волию ҳокимони мулкҳои тобеи шоҳони Сосонӣ);
- рӯзи сеюм - пазироии ходимони динӣ;
- рӯзи чорум - қабули аҳли дарбор, дабирон ва кормандони девону дарбори шоҳони Сосонӣ;
- рӯзи панҷум - пазироии фарзандон, хешу ақрабо ва наздикон;
- рӯзи шашум - ҷашни хосаи Наврӯз аз тарафи худи шоҳ, ки «Наврӯзи бузург» номида мешуд.

Абурайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» аз ин хусус чунин навиштааст: «Рӯзи панҷуми ҷашн (Исфандормуз) ҷашни занҳо ҳисоб мешуд. Ва дар ин ид мардон ба занон бахшиш менамуданд». Ин расм дар Исфаҳон боқӣ монда, ба форсӣ онро «муждагирон» мегӯянд.

Дар давраи Сомониён Наврӯз ҳамчун ҷашни миллӣ бо шукӯҳу шаҳомат истиқбол мешуд. Рӯзи якум бо номи «Наврӯзи кишоварзон» ва рӯзи панҷуми он бо номи «Наврӯзи муғон» маълум аст. То ҳоло дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон маросими «Ҷуфтбаророн» маъмул аст, ки дар он Бобои деҳқон дар доман гандум гирифта, донаҳои гандумро ба замин мепошаду шахсе бо юғу испор онро зери хок мекунад. Пирони рӯзгордида дуои хайр мекунанду бо ҳамин мавсими нави киштукор оғоз меёбад.

Бисёре аз суннатҳои наврӯзии мардуми мо гарчи аз ёдҳо рафтаанд, вале вижагиҳои дигари он дар бархе музофоти Тоҷикистону Эрону Афғонистон нигоҳ дошта шудааст. Чунончи, дар баъзе ҷойҳо то ҳол расми «Чаҳоршанбеи сурӣ», яъне гулхан афрӯхтану аз болои он паридан вуҷуд дорад. Ё расми дигари идӣ он аст, ки ҷавонон ба хонаи ҳамдигар рафта, аз равзани болои бом шоли дарозеро ба саҳни хона поин мекарданд ва соҳиби хона ҳадяеро дар шол мегузорад.

Дар бархе музофоти Ворорӯд ва Эрону Хуросон ҳанӯз ҳам чунин расм ривоҷ дорад, ки духтари номзад барои домод ҷӯроб мебофад ва рӯзи чаҳоршанбеи сурӣ, чун домод аз равзани бом шолро поин мекунад, дӯшизаи номзад ба шол ҳадяи омодакардааш, яъне ҷӯроби бофтаи худро мегузорад.

То ҳанӯз дар миёни мардуми мо рӯзи чоршанбе рӯзи муродбахш дониста шуда, аксар корҳои некро дар ин рӯзи ҳафта оғоз мекунанд.

Наврӯз ҳамчун ҷашни бостонии миллиамон, бинобар ҳикмату фалсафаи бузург доштан, аз ҷониби дигар халқу миллатҳои ҳамсоя низ пазируфта шуд. Дар ин хусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин ибрози андеша намудаанд: «Наврӯз дар тасаввур ва оини миллати қадимаи мо, умуман наҷоди ориёӣ, иди пирӯзии нур ба зулумот ва тантанаи некӣ ба бадӣ аст. Наврӯз, ки як иди хеле табиист, на танҳо ба дили мардумони ориёӣ, балки дар қалби халқу миллатҳои дигар ҳам ба таври ҷовидонӣ маскан гирифтааст. Ин яке аз далелҳои равшани нақши тамаддунсози миллати куҳанбунёд ва фарҳангии мост».

30 - юми сентябри соли 2009 бо пешниҳоди Тоҷикистону Эрон, Афғонистону Туркия ва як қатор кишварҳои ҳамсоя ҷашни Наврӯз аз ҷониби ЮНЕСКО ба Феҳристи ёдгориҳои ғайримоддии фарҳанги башарӣ дохил карда шуд. 19 - уми феврали соли 2010 дар Иҷлосияи 64 - уми Маҷмаи умумии СММ Наврӯз ҷашни байналмилалӣ эълон гардид.

Таҷлили Наврӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ шукӯҳу шаҳомати тоза гирифт. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз 2 - юми августи соли 2011 ҳангоми ҷашнгирии Наврӯз чаҳор рӯз (21-24 март) расман истироҳат эълон шудааст.

Ҷашни байналмилалии Наврӯз дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат бо риояи расму оини суннатӣ таҷлил мегардад. Дар ин ҷашн мусобиқаҳои варзишию чорабиниҳои фароғатӣ, ба монанди гӯштингирӣ, бузкашӣ, буҷулбозӣ, тухмбозӣ, бандкашӣ, аспдавонӣ ва ғайраҳо баргузор мегарданд.

Он ифодаи сулҳу ваҳдат дар мамлакат, тараннуми хушрӯзию баракат ва зиндагии шоистаи мардум мебошад.





**Бисту ҳафтуми феврали соли равон Қарори Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ «Дар бораи баргузор намудани мусобиқаи байналмилалӣ оид ба слалом таҳти унвони «Тоҷикистон - слалом опен» бахшида ба таҷлили Ҷашни байналмилалии Наврӯз-2023» қабул шуда буд.**

Ин иқдоми муҳтарам Рустами Эмомалӣ идомаи мантиқии ибтикори қаблӣ барои муаррифии бештари кишвар дар арсаи байналмилалӣ, ташвиқу тарғиб, рушду равнақи варзиш, таъмини оммавияти варзишу солимгардонӣ ба ҳисоб рафта, қарори зикршуда мутобиқи моддаҳои 19 ва 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» қабул гардид.

# «ТОҶИКИСТОН – СЛАЛОМ ОПЕН»

***Мусобиқаи байналмилалие, ки бо Қарори Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ баргузор шуда, ба муаррифии беш аз пеши кишвари азизамон дар ақсои олам мусоидат намуд.***

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ масъулинро вазифадор карданд, ки вобаста ба мусобиқаи мавриди назар нақшаи чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Кумитаи тадорукоти мусобиқаи мазкурро тасдиқ намоянд.

Тибқи қарори зикршуда, бояд муовини якум, муовинони раиси шаҳри Душанбе, раисони ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ, Сино, роҳбарони сохторҳои марбутаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар ҳамкорӣ бо сохторҳои дахлдори ҷумҳуриявӣ барои дар сатҳи баланд гузаронидани мусобиқаи зикршуда чораҳои дахлдорро андешанд.

Бо назардошти моҳияти байналмилалии мусобиқа, Раёсати фарҳанги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб барои ташкили барномаи фарҳангӣ вазифадор гардиданд.

Барои огоҳии комили шаҳрвандон аз рафти чорабинӣ шуъбаи иттилооти Дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе, Муассисаи давлатии «Телевизиони Душанбе» ва рӯзномаи «Паёми Душанбе» вазифадор гардиданд, ки мусобиқаи мазкурро инъикос намоянд.

Зимни суҳбат котиби генералии Федератсияи қаиқронии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нодирҷон Сафаров гуфт, ки мусобиқаи мазкур аз 20-уми март то 24-уми марти соли 2023 баргузор шуд. Маросими ифтитоҳи мусобиқа 21-уми марти соли равон дар «Кӯли ҷавонон»- и шаҳри Душанбе доир шуда, 22 - 23-юми март дар ноҳияи Варзоб идома ёфт.

Бино ба гуфти номбурда, 120 варзишгар аз Федератсияи Россия (дар ҳайати панҷ даста), Ҳиндустон, Тайланд, Беларус, Ӯзбекистон ва Қазоқистон дар ин мусобиқа ширкат варзиданд, ки онҳоро масъулин тибқи оини меҳмонпазирии тоҷикон пешвоз гирифтанд.

Қобили зикр аст, ки аз кишвари мо дар ин мусобиқаи байналмилалӣ 4 варзишгар ширкат варзида, Алексей Попов дар намуди 3 x C1 сазовори ҷойи якум, Валетина Самирнова (3 x C1ж) соҳиби мақоми дуюм гардиданд. Дар маҷмӯъ, бо назардошти ҷамъбасти холҳо дастаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сабқати байни мардон мақоми дуюм ва мусобиқа миёни занон ҷойи сеюмро ишғол карданд.

**Д. МЕРГАН,**
**«Садои мардум»**

Ба «САДОИ МАРДУМ» ҷавоб омад

# «ВОСЕЪ: ЧАРО ҚАСРИ ФАРҲАНГРО БА СОҲИБКОР ДОДАНД?»

**Мақола таҳти унвони «Восеъ: Чаро Қасри фарҳангро ба соҳибкор доданд?» дар ҷаласаи назди муовини раиси ноҳия бо иштироки масъулин мавриди баррасӣ қарор дода шуд.**

Қасри фарҳанги деҳоти «Тугарак» дар соли 1999 баъд аз таҷдиди собиқ колхози ба номи Томин ба тавозуни Ҷамоати деҳоти «Тугарак» гузаронида шуда, маротибаи охир соли 2008 таъмир гардида, то соли 2012 фаъолияти хуб дошт. Бинобар фарсудашавии бинои Қасри фарҳанг кормандони он муваққатан дар бинои Ҷамоати деҳоти «Тугарак» фаъолият менамоянд.

Ишораи дар мақола омада «… бинои Қасри фарҳангро ба як соҳибкор додаанд» асос надорад.

Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби соҳибкори ватанӣ бинои Қасри фарҳанг ба таъмири ҷорӣ фаро гирифта шуда, оид ба харидуфурӯши бинои мазкур ягон ҳуҷҷати расмӣ дастрас нагардидааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Восеъ мунтазам бо масъулини соҳаи мазкур дар робита қарор дошта, нақша дорад, ки ҳангоми таҳияи барномаи нав ва таҳияи лоиҳа сохтмону азнавсозии бинои Қасри фарҳанги деҳоти «Тугарак» амалӣ хоҳад шуд.

**Б. ГУЛМУРОДЗОДА,**
**муовини раиси ноҳияи Восеъ**

Агар хомӯш биншинем, гуноҳ аст

# АЗ ТАЪЛИМИ ҒАЙРИҚОНУНИИ ДИНӢ ТО ТЕРРОРИЗМ

**Шояд баъзеҳо ин масъаларо ҷузъӣ пиндоранд, вале содир гардидани амалҳои террористӣ аз ҷониби ҳамватанонамон дар шаш кишвар, аз ҷумла Франсия, Федератсияи Россия, Белгия, Туркия ва бонги изтироб задани созмонҳои мазҳакаофару гурӯҳу ашхоси ҳавасманд бинобар зуҳури терроризми «тоҷикӣ» аз ҳар яки мо андешидани тадбирҳои бетаъхирро тақозо менамояд.**

Пеш аз ҳама, бояд ҷиддӣ андешем, ки кадом омилҳо замина барои зуҳури терроризми «тоҷикӣ» шуданд? Бо истинод ба натиҷаи тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ, ки тибқи он, 90-95 фоизи аъзои ташкилотҳои террористию экстремистӣ таълимгирандагони мактабҳои ғайриқонунии динӣ мебошанд, посухи савол мушаххас аст. Ба ибораи дигар, рӯи кор омадани терроризми «тоҷикӣ» самараи ниҳоии таълими ғайриқонунии динӣ мебошад, ки бо мусоидати доираҳои манфиатдор имконпазир гардид.

Ба ҳеҷ ваҷҳ муқобили таълимоти динӣ гирифтани ҳамватанонамон нестам. Бароямон хушоянд аст, ки раванди демократикунонии ҷомеа ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла озодии виҷдон, боис гашт, то шаҳрвандон озодона ба дин рӯй оварда, барои пайравии амалӣ аз таълимоти динӣ ва анҷоми маросими динӣ имкони васеъ пайдо намоянд. Эълони озодии виҷдон ва пайравӣ ба дин, бунёди масҷиду муассисаҳои таълимии динӣ ва ғайра сабаб гардиданд, ки таваҷҷуҳи мардум ба дин тамоюли афзоишро касб намояд.

Дар сатҳи конститутсионӣ таъмин гаштани ҳуқуқу озодиҳои динии шаҳрвандон, эълон шудани Соли бузургдошти пешвои мазҳаби мардуми тоҷик ва аксар мусулмонони ҷаҳон - Имоми Аъзам (р), ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр гаштани «Қуръон»-и карим, таъсиси Донишкадаи исломии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», баргузории озмунҳои ҷумҳуриявии қориёни «Қуръон», ба тасвиб расидани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ҷорӣ шудани фанни таълимии «Таърихи дин» ва ғайра барои гирифтани таълими динӣ заминаи мусоид фароҳам намуд.

Муҳимтар аз ҳама, соли 2019 бо Фармони Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин қабул гардид, ки мақсаду вазифа ва самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи динро бо назардошти манфиатҳои миллӣ муайян ва танзим менамояд.

